**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори Донишгоҳи**
**байналмилалии сайёҳӣ ва**
**соҳибкории Тоҷикистон**
**____д.и.и., дотсент Асрорзода У.С.**
**«__6__» ____майи____соли 2024**

**Тақризи**

**муассисаи тақриздиҳанда ба рисолаи Фархуддинов Ҷамшед Исроилович доир ба мавзӯи «Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Рисолаи Фархуддинов Ҷамшед Исроилович доир ба мавзӯи «Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба ихтисос ва соҳаи илм мувофиқ буда, ягон шубҳаро ба вуҷуд намеорад.

**Мубрамияти мавзӯи рисолаи илмӣ**

Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳақиқат яке аз масъалаҳои мураккаби ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ ба шумор рафта, он ниёз ба таҳлилу такмили ҳамаҷониба дорад. Муаллиф мубрамияти мавзӯро дуруст арзёбӣ намуда, чунин зикр менамояд: “Ҳамин тавр ҷиҳати

истифодаи самараноку оқилонаи қитъаҳои замин, рушди босуръату бемайлони истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза ва содироти он ба кишварҳои хориҷӣ зарурати суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзиро пеш овардааст. Дар робита ба рушди босуръати бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ба муомилоти маданӣ ворид гардидани замин нақши суғуртакунии қитъаҳои заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва аҳаммияти шартнома ҳамчун воситаи асосии барасмиятдарорӣ ва танзими муносибатҳо дар соҳаи хизматрасониҳои суғуртавӣ баландтар мегардад" (с. 5).

Мавзӯи интихобшуда мураккаб, гуногунҷабҳа, диққатҷалбкунанда ва арзандаи тадқиқоти илмӣ буда, яке аз мавзӯҳои муҳими илмӣ ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ мебошад ва мубрам будани он ягон шубҳаеро ба вуҷуд намеорад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ва коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он**

Саҳми илмии довталаб дар илми ҳуқуқи соҳибкорӣ дар он ифода меёбад, ки мавзӯи мазкур нахустин бор мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст. Ба ин масъала олимони ватанӣ хеле кам аҳамият медиҳанд. Дар рисола муаллиф мафҳум, моҳият, объект, хусусият, шартҳо ва дигар маъалаҳои марбут ба шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзиро таҳлил ва баррасӣ намуда, диққати олимон ва кормандони амалияро ба ин масъала ҷалб намудааст ва натиҷаи хуби илмӣ ба даст овардааст.

Саҳми муаллиф дар илми ҳуқуқӣ маданӣ дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти мазкур нахустин таҳқиқоти мукаммали илмии проблемаҳои мубрами танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар таҳқиқоти илмӣ ба таври пурра ва бо диди дигар масъалаҳои мафҳум, таснифот, табиати ҳуқуқии танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва дигар масъалаҳои муҳим баррасӣ шудаанд. Одатан муаллифон аз чунин

мавзуҳои мураккаб канораҷӯӣ мекунанд, аммо унвонҷӯ тавонистааст, барои тадқиқоти он камари ҳиммат бандад ва масъалаҳои онро бо таври зарурӣ ҳал намояд.

Дар умум, унвонҷӯ як қатор навовариҳоро ба илм дохил намуда, аввалин муҳаққиқи самти мазкур аст, ки кӯшиш намудааст, ба таври маҷмӯӣ институти танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзиро омӯзад. Муаллиф дар заминаи адабиёти васеи илмии ватанию хориҷӣ исбот намудааст, ки институти танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ таърихи қадима дошта, махсусан гузаштагони миллати тоҷик онро ба таври васеъ истифода мебурданд. Муаллиф якчанд масоили ҳалталабро, аз ҷумла масъалаҳои моҳияти ҳуқуқии танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, мазмуни танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва мавзӯи он, муқаррарот дар бораи моҳияти норозигие, ки танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ пешниход кардааст ва бо роҳи пешниҳоду тавсияҳо ба қонунгузорӣ онҳоро ҳал намояд. Қайд намудан лозим аст, ки таҳлили мавзуи мазкур на танҳо аҳамияти соф илмӣ, балки аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ дорад, чунки ҳалли дурусти масоили вобаста ба танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ метавонад заминаи рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва беҳтар ҳимоя гардидани манфиатҳои танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва дар ин асос ташаккул ёфтани низоми шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ гардад. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз назари интихоби мавзуъ, гузориши масъалаи баррасишаванда ва роҳу усулҳои тахқиқ аз дигар рисолаҳо фарқ дошта, дар ин самт аввалин тахқиқоти илмӣ мебошад, ки вазъи хуқуқии институти мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баҳс қарор гирифтааст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар пешниҳоди роҳҳои иҷрои тамоми вазифаҳои асосии дар доираи диссертатсияи ҳалшаванда, нақши калидии онҳо дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқ ва тафсири натиҷаҳои бадастомада, ки дар корҳои илмии ба табърасида дар нашрияҳои тақризшаванда ироа гардидаанд, таҷассум меёбад. Муаллифи диссертатсия мафҳуму табиати ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои ҷонибҳои шартнома, инчунин, ҷавобгарии ҳуқуқии онҳоро барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо шарҳу тафсир намудааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмие, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст**

Дар рисола пешниҳодҳои мушаххас барои ҳимоя манзур шудааст. Миёни онҳо пешниҳодҳои зерин арзиши муҳими илмӣ доранд:

Навгонии №3. Зимни таҳлили мазмуни шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ оид ба зарурати аз ҷониби суғурташавандаҳо пешниҳод кардани тамоми маълумотҳо вобаста ба ҳолати мелиоративии қитъаи замин ба суғуртакунанда хулосабарорӣ карда шудааст.

Навгонии №4. Дар заминаи таҷрибаи байналмилалӣ зарурати пешбурди феҳристи ягонаи давлатии қитъаҳои заминҳои таъиноти кишоварзӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ асоснок карда шудааст. Пешниҳод гардидааст, ки дар феҳристи мазкур на танҳо маълумот дар хусуси шумора ва андозаҳои қитъаҳои заминҳои таъиноти кишоварзӣ ифода карда шавад, балки тамоми хусусиятҳо, аз ҷумла маълумот дар бораи қабати ҳосилнокии хок, кадом намуди кишт дар панҷ соли охир дар китъаи замин амалӣ шудааст, ҳосилнокии қитъаи замин, дар қитъаи замин кай ва кадом намуди доруҳои минералӣ дода шудааст, кадом намуди ҳодисаҳои табиӣ бештар ба қитъаи замин таъсири манфӣ мерасонад ва дигар хусусиятҳои муҳим бояд мазмуни

феҳристро ташкил диҳад. Феҳристи мазкур ба таври шаффоф дар сомонаи мақомоти ваколатдорӣ давлатӣ ҷой дода шавад. Гузашта аз ин ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда дар сохтори дахлдори мақомоти ваколатдорӣ давлатӣ махфуз нигаҳдорӣ карда шавад.

Ҳамзамон барои тағйир ва такмили қонунгузории амалкунандаи соҳа пешниҳоди чунин тавсияҳои муаллиф муҳим мебошанд:

1. Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ва ҷалби бештари суғуртакунандаҳо ба соҳаи кишоварзӣ зарурати дар қонунгузорӣ пешбинӣ намудани имтиёзҳои ҳадди ақал муайян ва исбот карда шудааст. Ба ақидаи муаллиф, имтиёзҳои ҳадди ақал бояд инҳо бошанд: ба хоҷагидорон нисбат ба нархи бозори арзон фурӯхтани маводи сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ, қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиётӣ ва механизмҳо, қисман аз пардохтҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ озод намудани намудҳои гуногуни тухмиҳо, доруҳои минералӣ ва ғайра. Зимнан имтиёзҳои мазкур бояд дар доираи қонунгузории андозу гумрук ва бо назардошти талаботи СУС сурат гирад, то ин ки муносибати комплексӣ, дуруст ба роҳ монда шавад.

2. Дар доираи таҳқиқоти илмӣ зарурати ташкил намудани заминаҳои ҳуқуқии рушду инкишофи институти суғурта дар заминаи хоҷагиҳои кишоварзӣ исбот шудааст. Низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ки аз қисми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шартнома иборат аст, ба таҷдиду такмили ҷиддӣ ниёз дорад. Дар низоми қонунгузории кишвар то ҳол санади меъёрии ҳуқуқии махсус, ки суғуртакунии заминҳои кишоварзиро махсус танзим намояд, арзи вуҷуд надорад. Баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа суғуртакунии намудҳои алоҳидаи соҳаи кишоварзиро муқаррар кардаанд. Аммо доираи фарогирии онҳо васеъ набуда, механизми иҷрои меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур то ҳол норавшан боқӣ мондааст. Бо мақсади такмили минбаъдаи механизми ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ,

пешниҳод мешавад, ки Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ” қабул ва дар КЗ ҶТ боби алоҳида, ки ба хусусиятҳои умумии суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ заминаи ҳуқуқӣ мегузорад, тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шавад. Ҳамзамон, ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи соҳа низ тағйирот ворид карда шавад.

3. Асоснок шудааст, ки бо мақсади расидан ба ҳадафҳои дахлдор бояд имконияти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар ҳамаи марҳилаҳои корҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ (яъне шуруъ аз мавсими кор, коркарди заминҳо, шаклдарории дарахту буттаҳо, маҳфуз нигоҳ доштани ҳолати мелиоративии қитъаи замин) ва ғ., то марҳилаи ҳосилғундорӣ ё як марҳилаи муайян вобаста ба ҳодисаҳои табиӣ ва мавсими сар задани он) дар қонунгузории соҳавӣ пешбинӣ карда шавад.

Ҳамин тавр пешниҳодҳои мазкур илман асоснок буда, лоиқи дастгирӣ мебошад. Аммо дар баробари чунин муваффақият ба назари мо пешниҳодҳои имлии №1 ва № 2 баҳснок мебошанд, ки доир ба онҳо дар қисмати эродҳо зикр хоҳем кард.

**Сатҳи асоснокии пешниҳодҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола манзуршуда**

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба дурустии маълумот, мувофиқати маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми нашрияҳо, усулҳои гузаронидани таҳқиқоти диссертатсия вобаста аст. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқоти назариявию таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд. Пешниҳодҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ, таҳлили қонунгузорӣ, муқоисаи қонунгузории ватанӣ бо қонунгузории дигар давлатҳо, таҳлили таҷрибаи судӣ, хусусан баррасии масъалаи шартномаи суғурта сурат гирифтааст.

Натиҷаҳои илмии ҳосилшуда аз таҳлили таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ дар Тоҷикистон буда, таҳлили мушкилотҳои қонунгузорӣ, мухолифати

баъзе меъёрҳо, холигӣ дар таҳлили назариявии ҳуқуқи соҳибкорӣ ба вуҷуд омада, барои бартараф намудани камбудиҳо дар танзими ҳуқуқии шартномаи суғурта равона шудааст.

Ҳангоми тадқиқот муаллиф дар рисола усулҳои умумӣ ва махсуси илмиро истифода бурдааст. Хусусан, дар диссертатсия усулҳои умумӣ-илмӣ, диалектикӣ, функсионалӣ, таҳлили низомӣ, пешгӯии илмӣ ва усулҳои мантикии мушоҳида, таҳлил ва синтез истифода шудаанд. Аз усулҳои махсуси илмӣ ба таври васеъ усулҳои формалӣ-мантиқӣ, таърихи ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода шудаанд.

**Сохтори рисола.** Рисолаи баррасишаванда вобаста ба ном ва нақшаю сохтор, мухтаво, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Он аз 3 боб, 7 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии рисола 207 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯи рисола, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии он асоснок ва баррасӣ гардидааст.

**Дар боби якум** “Моҳият ва хусусиятҳои умумии суғуртаи заминҳои кишоварзӣ” масъалаҳои нақши институти суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар рушди иқтисодиёт ва марҳилаҳои инкишофи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарори гирифтааст.

Муаллиф дар ин боб ба чунин хулоса омадааст, ки дар низоми қонунгузории ҶТ то ҳол санади меъёрии ҳуқуқии махсус, ки суғуртакунии соҳаи кишоварзиро амалӣ намояд, қабул нагардидааст. Баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа суғуртакунии намудҳои алоҳидаи соҳаи кишоварзиро дар матни худ ҳамчун меъёри ҳаволакунанда муқаррар кардаанд. Масалан, мазмуни сархати 3 қ. 1 м. 22 Қонуни ҶТ

“Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он” муқаррар менамояд, ки яке аз самтҳои дастгирии давлатӣ ин суғурта намудани фаъолият оид ба муомилоти ғалла ва маҳсулоти коркарди он мебошад. Гузашта аз ин, м. 9 Қонуни ҶТ “Дар бораи ниҳолпарварӣ” муқаррар менамояд, ки субъектҳои фаъолияти хоҷагидории соҳаи ниҳолпарварӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ суғурта карда мешаванд. Моддаи 22 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” таъсис додани фонди суғуртаи ҳифзи муҳити зистро муқаррар кардааст, ки 48 ҳадафи асосии фонд ба пӯшонидани хароҷот оид ба барқарорсозии талафоти муҳити зист, ҷуброни товони зарари расида ба саломатӣ, молу мулки шаҳрвандон дар натиҷаи офатҳои табиӣ, садамаю фалокат ва дигар хатарҳои экологӣ равона шудааст. Ба мисли қонунҳои дар боло овардашуда боз дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи кишоварзиву ҳифзи муҳити зист чунин меъёрҳо вуҷуд доранд, аммо механизми иҷроишашон дар санадҳои қонунгузорӣ чандон равшан нест. Аз ин рӯ пешниҳод карда мешавад, ки қонуни махсусе, ки танзимкунандаи муносибатҳои суғуртавиро дар самти истифодаи замин, бахусус заминҳои таъиноти кишоварзӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ ва муносибатҳои ба ин самт вобастабуда дар бар мегирад, қабул ва мавриди амал қарор дода шавад. Номбурда таносуби шартномаи суғурта ва дигар намуди шартномаҳоро таҳлил намуда, холигиҳо ва мухолифатҳои қонунгузориро дар ин ҷода ошкор карда, ҷиҳати такмили он пешниҳодҳои асоснок манзур намудааст.

**Боби дуюм** – “Тавсифи ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои кишоварзӣ” фарогири масъалҳои мафҳум, хусусият ва шартҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, манфиати молумулкӣ ҳамчун объекти шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, иштирокдорони шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ мебошад.

Муаллиф дар боби мазкур хуқуқу уҳдадориҳои субъектони шартномаи суғуртаи заминҳои кишоварзиро баррасӣ карда, соҳаҳои кишоварзиро аз лиҳози ҳуқуқ таҳлилу баррасӣ қарор дода, дар ин ҷода таклифҳо барои islоҳи холигиҳо ва такмили қонунҳои марбута пешниҳод намудааст.

**Боби сеюм** "Бастан, тағйир додан ва қатъ гардидани шартномаи суғуртаи заминҳои кишоварзӣ" бахшида шудааст ба масъалаҳои тартиби бастан, тағйир додан ва қатъ гардидани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, қатъ гардидани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ бинобар вайрон кардани шартҳои он.

Дар боби мазкур шартҳои муҳим ва иловагии шартномаи суғуртаи заминҳои кишоварзӣ ва зарурти ҳатмӣ намудани он пешкаш шудааст, ки бо чунин хулосабарорӣ мо розӣ шуда наметавонем. Зеро, замин моликияти истисноии давлат мебошад.

Дар **хулоса** муаллиф аз рисола бо таври куллӣ натиҷагирӣ намуда, таклифу пешниҳодҳои асосии худро дар он мураттаб намудааст.

**Ифодаи натиҷаҳои илмӣ дар нашрияҳо ва чорабиниҳои илмӣ**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулоса ва тавсияҳои дар он ҷойдошта дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст, инъикоси худро ёфтаанд.

Ҳамзамон муаллиф дар робита ба рисола автореферат тибқи талаботи муқарраргардида таҳия кардааст, ки онҳо байни ҳам мутобиқати дохилию мантиқӣ доранд.

**Эродҳо ба шакл ва мазмуни рисола:**

1. Муаллиф дар навгонии №1 чунин пешниҳод менамояд: Дар доираи таҳқиқоти илмӣ зарурати ба таври ҳатмӣ бастани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ асоснок ва исбот карда шудааст. Бинобар зиёд будани хавфи таваккал дар заминҳои таъиноти кишоварзӣ, зарурати бастани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзии

сеҷониба ҷой дорад. Ҷонибҳои шартнома суғуртакунанда, суғурташаванда ва давлат ба шумор меравад. Хусусияти ин намуди шартнома дар он ифода меёбад, ки як қисми хароҷот ҷиҳати барқарор намудани заминҳои аз ҳодисаҳои табиӣ талафёфта аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар доираи шартномаи мазкур барқарор карда мешавад. Тибқи қонунгузории амалкунанда, маблағҳое, ки бо мақсадҳои ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва бартарафсозии оқибатҳои манфие, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои табиӣ ва антропогенӣ ба вуҷуд омадаанд, аз ҳисоби буҷаи давлат ва маблағҳои махсуси бо ин мақсадҳо ҷудогардида амалӣ карда мешавад. Бинобар ин, ба суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ танҳо он корхонаҳое ҷалб карда шаванд, ки қисман аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ маблағгузорӣ карда мешаванд. Ё ин ки метавонанд дар самти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ташкилотҳои хусусӣ низ ҷалб карда шаванд. Аммо зарур аст, ки механизми ҷалби ташкилотҳои хусусӣ коркард шуда, талаботи махсус дар ин самт ба онҳо вогузор карда шавад.

Пешниҳоди мазкур баҳснок мебошад, зеро замин моликияти истисноии давлат аст ва ҳатман суғурта кардани он зарурат надорад (ба истиснои ҳолате, ки замин ба хориҷиён ба иҷора дода мешавад).

2.Муаллиф дар навгонии №2 низ ба "хусусияти ҳатмӣ доштани шартнома (суғуртакунии заминҳои таъиноти ,кишоварзӣ бояд ба таври ҳатмӣ муқаррар карда шавад)" таъкид менамояд.

Ин масъала чуноне дар боло зикр кардем, баҳснок мебошад. Суғуртанамоии ҳатмии заминҳои кишоварзӣ метавонад як сарбории иловагии молиявӣ ба сари хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад. Аз ҳамин хотир он бо таври ихтиёрӣ буданаш мувофиқи мақсад мебошад.

Эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба комил будани рисола таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои баррасикардаи муаллиф марокангез буда, метавонанд диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намояд.

## Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дарачаи илмӣ

Мазмун ва моҳияти рисолаи Фархуддинов Ҷамшед Исроилович доир ба мавзӯи «Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии назди кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон муҳокима шуд. Дар семинар 12 нафар иштирок намуданд: тарафдор -12, зид - нест, бетараф– нест. Протоколи семинари назариявӣ аз 23.04.2024, № 8.

**Қисмати хотимавии тақриз – хулоса.** Рисолаи баррасигардида аз лиҳози мубрамият, ном ва нақшаи мавзӯъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо, пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ, маводҳои корӣ ва таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ таҳлил гардида, хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили илми ҳуқуқшиносӣ манзур шудааст. Дар маҷмӯъ, рисолаи Фархуддинов Ҷамшед Исроилович доир ба мавзӯи «Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в. профессори кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Умрилло Асадуллоевич Меликов (ихтисос: 12.00.03), омода карда шуда, он дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқ 24 апрели соли 2024 (протоколи №8) муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст: тарафдор -7, зид - нест, бетараф– нест. Протоколи ҷаласаи кафедра аз 24.04.2024, № 8.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири
кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Нодиров Ф.М.

Ташхисгар, и.в. профессори кафедраи ҳуқуқи
кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Меликов У.А.

Котиби семинари васеи илмӣ-назариявии
кафедраи ҳуқуқи
Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
и.в. дотсент Сафаров И.Д.

«Имзои Ф.М. Нодиров, У.А. Меликов ва
И.Д. Сафаровро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии тиҷоратӣ Тоҷикистон,
734055, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳоти ½
Тел: (+992 237) 234-83-46. E-mail: tguk@mail.ru www.tguk.tj

24.04.2024